## ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич Мухрудинович дар мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг – шарти - мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухратам Эмомалӣ Раҳмон соли 2015 дар Паёмашон ба Маҷлисии Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши фарҳанги зебоипарастиро дар ҳаёти маънавии ҷомеа чунин зикр карданд: «Макомоти дахлдор бояд ба тарбияи зебоипарастии ҷавонон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд». Вобаста ба ин, ҳамчунин, Вазорати фарҳанг, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «бо мақсади таблиғи ғояҳои миллӣ, тарбияи зебоипарастӣ ва ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ» вазифадор ҳам карда шудаанд.

Ҳамзамон, соли 2021 дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои омӯзиши таърих, фарҳанг, анъанаҳои халқии хеш диққати ҷиддӣ додаанд. Бесабаб нест, ки Пешвои миллат ба рушди фарҳанги зебоипарастӣ аҳаммияти калон медиҳанд. Дар вохӯриашон вазъи имрӯзаи рушди фарҳанги бадеиро таҳлил ва баррасӣ намуда, зиёиёни кишварро вазифадор намудаанд, ки барои эҷоди асарҳои замонавӣ ва сатҳи баланди бадеидошта камари ҳиммат банданд.

Сарвари давлат талаб мекунад, ки барои рушду нумӯи фарҳанг, беҳтар шудани шароити кору зиндагии кормандони соҳа маблағҳо дарёбанд, ҳунармандонро ҳавасманд гардонанд, ба ғасби муассисаҳои фарҳангӣ аз ҷониби дигар ташкилотҳо роҳ надиҳанд, зеро фарҳанг яке аз рукнҳои асосии ҷомеа ва ҳастии миллат буда, дар ташаккули шахсияти комил, тарбияи эстетикии насли наврас нақши калон ва ҳалкунанда дорад.

Дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф ва фарҳанг дар қатори вазифаҳои муҳими рӯз тадбирҳои амалӣ намудани сиёсати миллии фарҳангӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ворид шудани муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳангу ҳунар ба низоми ягонаи

таҳсилот тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва бозори ҷаҳонии меҳнат, ба тарбияи эстетикии ҷавонон мутобиқи шароити имрӯза таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шудааст.

Вобаста ба ин, вазифаҳои тарбиявӣ-эстетикӣ, нақши педагогика, муассисаҳои таълимӣ, хонавода ва фарҳангию фароғатиро дар кори иҷтимоӣ-фарҳангӣ, фаъолияти тарбиявӣ, махсусан, ташаккули фарҳанги эстетикии ҷавонон дар ҷомеаи муосир рӯз то рӯз меафзояд.

Муаллифи диссертатсия Усмонов З.Ҷ. ба ғояҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ такя намуда фарҳанги зебоипарастиро ҳамчун маҷмӯи ҷаҳонбинӣ, завқи эстетикӣ ва қобилияти дарк ва офаридани зебоӣ арзёбӣ мекунад. Ин фарҳанг ба назари ӯ ба инсон имкон медиҳад, ки муҳити зист ва арзишҳои моддиву маънавиро бо чашми эҷодӣ ва зебопарастона бубинад. Барои донишҷӯён, рушди фарҳанги зебоипарастӣ на танҳо ҳисси завқро инкишоф медиҳад, балки дар ташаккули шахсият ва ҷаҳонбинии онҳо низ нақши муҳим мебозад.

Ба андешаи унвонҷӯ ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо муассисаҳои фарҳанг барои ташаккули шахсияти эҷодӣ ва зебоипарастии донишҷӯён нақши калидӣ мебозад. Ин гуна ҳамкорӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки на танҳо дониш ва малакаҳои нав ба даст оранд, балки аз зебоӣ ва санъат лаззат бурда, завқи бадеии худро рушд диҳанд.

Муассисаҳои фарҳангӣ, аз қабили театрҳо, осорхонаҳо, китобхонаҳо, марказҳои санъат ва ансамблҳои ҳунарӣ метавонанд дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён саҳм гирифта, ҳамгироии ин ниҳодҳои тарбиявиро таъмин намоянд.

Диссертатсияи Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич дар мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг – шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» мубрам ва ба талаботи замон мувофиқ буда, дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён тавассути ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг муҳим арзёбӣ мегардад.

Тарҳи рисола тибқи талабот ба диссертатсияҳои номзадӣ омода шуда, он аз муқаддима, ду боб, панҷ фасл, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот аз тарафи муассисаҳои таълимӣ ва фарҳанг, рӯйхати адабиёт таркиб ёфта, ҳаҷми он 179 саҳифаи чопи копиютериро ташкил мекунад.

Арзишмандии таҳқиқоти мазкурро бо таври зайл арзёбӣ метавон кард: ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯёнро метавон тариқи формулаи «муассисаҳои таълимӣ, фарҳанг ва хонавода» муайян намуд. Ин маънои онро дорад, ки донишҳои илмӣ заминаи пойдор барои пайдоиши воситаҳои нави тарбияи фарҳанги зебоипарастӣ мегарданд ва имкон медиҳанд, ки насли ҷавон дар руҳияи баланди арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ташаккул ёбанд.

**Сатҳи навгонии натиҷаҳои илмӣ** (нуктаҳои илмӣ), хулосаҳои унвонҷӯ, ки дар рисолаи илмӣ баён гардидаанд:

- асосҳои педагогии ҳамкории функсионалии коллеҷҳо ва марказҳои фарҳангӣ – тарбиявӣ дар доираи шаҳрҳои хурд зимни муносибати маҷмуӣ ба кори тарбиявӣ-эстетикӣ ҳалли худро ёфтааст.

- ташкил намудани тарзҳои ҳамоҳангсозии ниҳодҳои тарбиявӣ зебоипарастӣ ҷиҳати рушди эстетикии муҳассилин бо дарназардошти баҳисобгирии маълумот доир ба муҳити эстетикии ҷавонон, дараҷаи фаъолнокии бадеӣ-эҷодии онҳо ва ташкили ин раванд пешгӯӣ шудааст;

- номуттасилии фаъолияти якҷояи ин ниҳодҳо дар кори беруназаудиторӣ, ки дар натиҷаи такяи нокифояи коллеҷ ба фаъолияти муассисаҳои фарҳанг оид ташаккули зебоипарастӣ амал мекунанд, бартараф гардиданд; ҷузъҳои асосӣ, самтҳо ва нишондиҳандаҳо (маърифати эстетикӣ, ҷиҳати баҳодиҳии ҳиссӣ ва ҷалбнамоӣ ба фаъолияти эстетикӣ) мушаххас карда шуданд;

- шароитҳои педагогии ҳамкории функсионалии коллеҷ бо муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ муайян гардидаанд;

- ба дараҷаи зарурӣ ба эътибор нагирифтани махсусиятҳои марказҳои фарҳангию тарбиявӣ дар ҳамкорӣ доир ба тарбияи эстетикии ҷавонон, суст гардидани ҳамоҳангсозии неруи тарбиявии муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳанг низ ошкор карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки масъалаи ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар раванди таълим ва доираи фаъолияти фарҳангӣ-фароғати дар ҳамкории колллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг бори аввал мавриди тадқиқи фарогир қарор гирифтааст. Таҳқиқ ва омӯзиши асосҳои педагогии фарҳанги эстетикӣ ва ташаккули он барои самти педагогикаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ аҳаммияти назаррас ва амиқи назариявӣ ва амалӣ дорад, ки муносибати фаъолонаро ба арзишҳои

эстетикӣ ташаккул медиҳад мавқеи шаҳрвандии донишҷӯёнро боло мебардорад. Аз ҷумла:

- барои пажӯҳиш ва рушди таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ кумак хоҳад расонд;

- дар тарбияи фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён ба омӯзгорони оянадаи фанни эстетика ва фарҳангшиносӣ, кормандони соҳаи фарҳанг кумаки илмӣ-амалӣ ва методӣ хоҳад расонд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот.** Дар таҳқиқот барномаи педагогии ташаккули фарҳанги эстетикии донишҷӯён дар раванди ҳамкории мутақобила ва ҳамоҳангсозии нерӯҳои тарбиявӣ-эстетикии коллеҷҳои техникӣ ва муассисаҳои фарҳанг коркард шуда, шароитҳои педагогии муваффақонаи пешрафти фаъолияти онҳо дар Тоҷикистон асоснок гардидааст.

Барномаи таҳиягардидаи ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ дар раванди озмоиши педагогӣ санҷидашуда имкон медиҳад, ки коллеҷҳо ҳамгироиро бо муассисаҳо ва марказҳои фарҳанг таъмин намуда, фаъолияти тарбиявии муштаракро ба роҳ монанд, аз анъанаҳои бадеии маҳал самаранок истифода бурда, ба шуур, эътиқод ва эҳсосоти эстетикии муҳассилин таъсири мусбат расонанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба ҳамкории коллеҷҳо ва муассисаҳои фарҳанг таҳияшуда барои кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва марказҳои фарҳангию фароғатӣ метавонад, дар корҳои тарбиявӣ-эстетикиашон кӯмак расонад. Маводи дар натиҷаи таҳқиқот бадастомада метавонад барои шуъбаҳои маориф ва бахшҳои фарҳанг ва дигар муассисаҳои таълимию тарбиявии минтақа ва, умуман, ҷумҳурӣ ҳамчун дастури хуби таълимӣ-методӣ ёрӣ расонида, инчунин, дар доираи курсҳои интихобӣ ва такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф ва фарҳанг мавриди истифода қарор гиранд.

Диссертатсия мантиқан дуруст таҳия гардида, сохтори он аз муқаддима, ду боб, панҷ параграф, хулосаҳо, ҷадвалу расмҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима аҳаммияту дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳову усулҳои пажӯҳиш, навгониҳо, арзиши назарию амалии рисола, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия аз назари илмӣ дуруст асаонок ва муайян карда шудаанд.

Дар қисмати муқаддимавии диссертатсия талаботҳо доир ба иҷрои кори таҳқиқотӣ риоя гардида, ҳар бахш бо низоми муайян пай дар пай оварда баррасӣ шудааст.

**Дар боби аввали рисола** «Ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯёни коллеҷҳо чун проблемаи иҷтимоӣ-педагогӣ» масъалаҳои назариявӣ ва методологии мавзуи таҳқиқотӣ арзёбӣ гардидааст, ки он ба иҷрои корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ ҷавобгӯй аст. Муаллиф аз таҳқиқоти олимони ватанӣ ва кишварҳои дигар хеле хуб истифода бурда, тавассути усули таҳлилу муқоисакунӣ арзишмандии онҳоро дар кори худ таъкид намудааст.

Ҷанбаҳои мухталифи мавзуъ, ба монанди эстетика чун хориқаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ, тарбияи эстетикӣ, ҳамкории мутақобилаи ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, нақши муассиаҳои мухталиф дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён, дар диссертатсия, монография, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои илмию методӣ аз ҷониби олимони соҳаи педагогикаи мактабӣ, таҳсилоти миёнаи ва олии касбӣ, дастурҳои таълимиву методии муҳаққиқони тоҷик Абдуллоева Р.Ҳ, С.Раҳимов, М.Ҳамидов, А.Ш. Ҳасанов, М. Лутфуллозода, И. Каримова, М. Саидов, Д. Латифзода ва дигарон баррасӣ гардида, паҳлӯҳои мухталифи гояҳои тарбияи эстетикӣ, масъалаҳои фарҳанги педагогӣ ва зебоипарастии муҳассилин ва умуман, аҳолиро дар таҳқиқотҳояш инъикос намуданд.

Дар доираи мавзуи таҳқиқшаванда таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабул гардида, «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», консепсияи тарбияи миллӣ, барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маориф ва фарҳанг барои омӯзишу ҷамъбасти таҷрибаи амалии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён мусоидат карданд.

Мутобиқи нақша **боби дуюми рисола** «Шароитҳои педагогии ҳамкории мутақобилаи коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарстии донишҷӯён» номгузорӣ шудааст ва фарогири масоили асосноккунӣ, дар амал татбиқ намудани шароитҳои педагогии ҳамкории мутақобилаи коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг - шарти муҳими мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён бо тарзу усули хоса ва натиҷагирӣ аз он буда, дар зербоби «Роҳҳои мукаммалгардонии ҳамкории мутақобилаи коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг дар рушди эстетикии донишҷӯён» механизм ва роҳҳои такмили масъалаи мазкур мавриди пажуҳиш қарор гирифта шудааст. Дар мавзуи аввал иқтибосот аз рӯйи таҳқиқоти олимони соҳа оварда шуда, зимни он бо пешниҳоди коркарду дар амал татбиқ намудани асосҳои барномаи ташаккули фарҳанги

зебоипарастии донишҷӯён дар тавассути ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг таҳлил гардида, натиҷагирии он оварда шудааст. Давраҳои ҷустуҷӯӣ ва ташаккулдиҳандаи таҳқиқот ташкил ва гузаронида шуда, натиҷаҳои он ҷамъбаст, хулоса ва тавсияҳо пешниҳод гардиданд.

Дар заминаи таҳқиқотҳои озмоишии педагогӣ дар ин боб шартҳои иҷтимоӣ-педагогии беҳтар намудани кори муассисаҳои таҳсилот ва фарҳанг дар тарбияи эстетикии донишҷӯён баррасӣ шуда, муаллифи диссертатсия Усмонов З.Ҷ. хулосаҳои хешро ҷиҳати беҳтар намудани ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён тахия ва онҳоро шарҳ додааст.

Дар ин боб таклифи муаллифи рисола илмӣ оид ба таъсиси шурои мутобиқсозии ҳамкории ниҳодҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, бахуссус, фаъолияти муассисаҳои таҳсилотӣ ва фарҳанг ҷиҳати тарбияи эстетикӣ ҷой дода шудаанд, ки заминаи такмили илмиву методии ин самти муҳими кори тарбиявиро таъмин карда метавонад. Нақша ва тадбирҳои шуро дар мавриди ташаккули фарҳанги зебоипарастӣ барои омӯзгорони фанни эстетика ва этика, устоҳои таълимӣ-истеҳсолии коллеҷ аз ҷониби унвонҷӯ хеле муҳим ва зарур арзёбӣ карда шудааст.

Диссертатсияи Усмонов З.Ҷ. ба самти илми педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.05. - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ), ки аз рӯйи он рисола ба ҳимоя пешниҳод шудааст, пурра мутобиқат мекунад. Аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳое ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, асоснок ва эътимоднок буда, хулосаву тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда барои назария ва методикаи фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ аҳаммияти калон доранд. Мазмуну муҳтавои рисола, натиҷаҳо ва хулосаҳои илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла, дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (3 адад), маҷаллаҳои умумиҷумҳуриявӣ (3 адад) ва дастури таълимӣ, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он ба табъ расидаанд, баёнгари мазмуну моҳияти диссерататсионӣ мебошанд.

Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи илми педагогика ва шиноснома аз рӯйи ихтисоси 13.00.05. - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

**Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:**

Бо вуҷуди муваффақиятҳо ва дастовардҳои илмию амалие, ки дар боло зикр шудаанд, кори диссертатсия аз камбудиҳо холӣ нест. Ба назари мо пешниҳоди ин камбудиҳо барои такмили минбаъдаи муҳтавои диссертатсия кумаки амалии худро мерасонад, аз ҷумла:

1. Хуб мебуд, ки дар диссертатсия натиҷаҳои ба даст омадаи унвонҷӯ бо натиҷаҳои таҳқиқоти дигар олимон, махсусан муҳаққиқони ватанӣ муқоиса мегардид, ки ин ба диссертатсия арзиши илмии бештар мебахшид.

2. Дар матни рисолаи илмӣ бархе аз иқтибосҳои овардашуда аз кадом адабиёт истифода шуданд, таҳти сабт қарор наёфтаанд.

3. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич дар мавзуи «Ҳамкории коллеҷ ва муассисаҳои фарҳанг – шарти мукаммалгардонии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён» кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Нуқтаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

Автореферат, дастур ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии рисолаи илмиро инъикос менамояд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Усмонов Зарифҷон Ҷумъабоевич Муҳрудинович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария,

методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педағогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

**Муқаррizi расмӣ:**
Номзади илмҳои педагогӣ,
директори "Гимназия"-и назди Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Саидзода А. Р.

03.04.2025

**Маълумот барои тамос:** 734019. ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.
Тел.: +992 935 25 02 03; E-mail: ahmadsho1984@list.ru

Имзои Саидзода Аҳмадшо Раҳматшоро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.